Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-050
дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабаева, 63/3

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назаразода Фирдавс Хоркаш дар мавзуи «Ҷудокунӣ ва таҳқиқи таркиби химиявии равғани тухми зағир (Linum usitatissimum)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 - технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриёту ороишӣ**

Диссертатсияи илмии Назарзода Фирдавси Хоркаш ба масъалаҳои мубрам ва муҳимми омӯзиши таркиби химиявии равғанҳои растанӣ дар мисоли равғани зағир равона шудааст. Тадқиқоти илмии аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда, омӯзиши назариявӣ ва амалии таркиб ва усулҳои ба даст овардани равғанро бо истифода аз усулҳои муосири таҳлилӣ дар бар мегирад.

Дар кори илмӣ тадқиқотҳо бо усулҳои хроматографияи газ ва спектрометрия, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои дақиқ имконият медиҳад. Навии диссертатсияи илмӣ дар таҳияи усулҳои устувор ва самаранок ба даст овардани равғани растанӣ мебошад, ки барои рушди соҳаи агросаноатӣ ва коҳиши вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои илмӣ аҳамияти баланди илмию амалӣ доранд, чунки татбиқшаванда дар хоҷагии қишлоқ ва саноат мебошад.

Аз таҳлили қисматҳои кори илмӣ бар меояд, ки аз ҷониби муаллиф чунин корҳо ба анҷом расидааст:

– аҳамияти таҳқиқотро муаллиф ба таври боварибахш исбот кардааст. Дар шароити хозираи рушди босуръати соҳаи агросаноатӣ, масъалаҳои оқилона истифода бурдани захираҳо ва истеҳсоли равғани растании баландсифат аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

- алоқаи байни мақсади кори диссертатсия ва вазифаи илмии он аҳамияти калон дорад: таҳияи технологияҳои устувори истеҳсол ва тадқиқи равған аз тухми зағир. Марҳилаҳои тадқиқот дуруст инъикос ёфтаанд:

ҷанбаҳои назариявӣ, таҳқиқоти озмоишӣ, инчунин санҷишҳои саноатӣ. Коркарди пайвастагиҳо ва технологияи интенсификатори агентӣ бо истифода аз компонентҳои табиӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, ҷолиби диққат аст.

Автореферат хуб таҳрир шуда матн бо тасвирҳо, ҷадвалҳо ва графикҳо мувозинат карда шудааст.

Ҳамзамон дар автореферат якчнад камбудиҳо низ ҷой доранд, ки диқиқиро талаб менамояд:

1. Коркарди маҳсулот дар шароити воқеӣ пурра санҷида нашудааст, ки метавонад татбиқи натиҷаҳоро маҳдуд кунад.

2. Барои ҷорӣ кардани технология тавсия мешавад, ки ҷанбаҳои экологӣ бештар таҳқиқ шаванд.

Камбудиҳои зикргардида сифати кори иҷрошударо кам намекунад. Кори илмии пешниҳодшуда муҳтавои илмӣ ва амалӣ дошта, дар рушди соҳаи агросаноатии кишвар саҳми назаррас мегузорад. Диссертатсияи Назаразода Фирдавс Хоркаш ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.06 – Технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриёту ороишӣ мебошад.

Доктори илмҳои биология,
профессор, муовини ректор
оид ба корҳои тарбиявии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Назарзода Н.Н.
Телефон: (+ 992 37) 224 37 69

Имзо Н.Н.Назарзодаро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С.АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС